**Тақризи**

**ба автореферат ва диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D0205011 – Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Сарфу наҳв дар якҷоягӣ дастури ҳар як забонро созмон медиҳанд ва онҳоро наметавон аз ҳамдигар ҷудо омӯхт. Омӯзишу пажӯҳиши наҳв ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ мавриди барасии амиқи илмӣ қарор гиритфа, ҳоли ҳозир бошад паҷӯҳандагон ва забоншиносонро зарур аст, ки ба ҷанбаи таҳқиқи муқоисавии он даст зананд.

Мавзӯе, ки муаллифи рисола ба таҳқиқи он даст задааст дар забоншиносӣ хеле мубрам буда, муҳаққиқ ба он кӯшидааст, ки вижагиҳои корбурди воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ошкор намояд.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, 165 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият ва зарурияти таҳқиқи мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии пажӯҳиш, усулҳои таҳқиқот ва асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот пурра дарҷ ёфтаанд.

Боби аввал «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар боби мазкур сухан аслан роҷеъ ба шарҳи мафҳумҳои «ибора» ва «ҷумла», «воситаи алоқа» ва «намудҳои асосии воситаи алоқаи наҳвӣ дар забонҳои муқоисашаванда» меравад, ки муаллиф ҳар яки онҳоро бар мабнои сарчашмаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, фикри андешаҳои худро низ баён намудааст.

Фасли нахусти боби фавқ аз шарҳи истилоҳи «ибора» манша гирифта, бо таҳқиқу муқоисаи воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикиву англисӣ ба охир мерасад.

Боби дуюми диссертатсия «Алоқаҳои пайваст дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар боби мазкур навъҳои алоқаи пайваст дар забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор мешгирад. Ба андешаи муаллифи диссертация дар созмони алоқаи пайвасти пайиҳами ҳарду забон ҳам нақши пайвандаҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда хеле бориз аст. Илова бар ин, нақши тартиби калима, такрор, оҳанг ҳамчун воситаи

алоқа дар ҷумлаҳои мураккаби забонҳои муқоисашванда баррасӣ гардида, хусусиятҳои фарққунандаи онҳо низ муайян шудаанд.

Дар фасли сеюми диссертатсия «Алоқаи тобеъ дар забонҳои муқоисашаванда» роҳҳои ифодаи воситаҳои алоқаҳои вобастагӣ, мувофиқат, изофӣ, пешояндӣ, пасояндӣ, ҳамроҳӣ, изофию пешояндӣ, изофию пасояндӣ, пешояндии ҷуфт, пешояндию пасояндӣ, артиклӣ, интонатсия дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегиранд.

Ҳар як намуди воситаҳои алоқаи тобеъ дар забонҳои таҳқиқи назар мавриди муқоиса қарор гирифта, муаллиф фарқият, шабоҳат ва монандии онҳоро бар мабнои сарчашмаҳои илмӣ шарҳ додааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаву натиҷагириҳои мушаххаси муаллиф ҷамъбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар панҷ нукта баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар камбудиву норасиҳо ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Муаллифи диссертация бештар ба назару андешаҳои наҳвшиносони тоҷику рус такя намуда, дар рисолаи доир ба фикру ақидаҳои забоншиносони англис камтар маълумот дода шудааст, зеро пажӯҳиш ба муқоисаи ду забон бахшида мешавад. Агар назари забоншиносони англис низ жарфтар таҳқиқ мегардид, ҳусну қубҳи рисола боз ҳам болотар мерафт.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия (17, 19, 23, 35, 67, 78) галатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чаш мерсанд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба асонӣ баратарф хоҳанд шуд.

Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300– Забоншиносӣ (6D0205011– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод

гардида, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 –уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дониста шавад.

Номзади илми филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои
гуманитари Донишкадаи давлатии санъати
тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон Саъдиева Гулистон Фатоевна

Суроғ: 734012. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 31.
Тел. (+992) 2279214
(+992) 915990973
E-mail: guliston1973@mail.ru

Имзои Саъдиева Гулистон
Фатоевнаро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи давлатии санъати
тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон Давлатзода Гулнора Шариф

28. 01. 2020 с.